Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Масоили ташаккул ва самаранок истифодабарии иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самти муҳими низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ барои нигоҳ доштани мувозинати ҳадафҳои стратегии мамлакат ва татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия, дар раванди таҳқиқотҳои гузаронидашудаи худ ҷанбаҳои методӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии иқтидори сармоягузориҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, ошкор намудааст, ки фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷ ба раванди самаранок истифодабарии сармоягузориҳоро дорад. Албатта, мо бо пешниҳоди ақидаи муаллиф рози ҳастем, муаллиф дар таҳқиқоти худ механизми истифодаи иқтидори самаранокии сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дида баромадааст. Дар баробари ин, аз раванди таҳқиқотгузаронии муаллиф ба мо айён гардид, ки дар таҳқиқоти худ самтҳои назариявию амалии низоми самаранок истифодабарии иқтидори сармоягузориро аз нигоҳи худ дуруст дарк намуда, фикру андешаҳои худро оид ба ташаккул ва самаранок истифодабарии иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар НТҶ баён намудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои тақвияти иқтидори сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он имкон медиҳад, ки ҷиҳати навсозӣ ва баланд бардоштани устувории он тадбирҳои муассир таҳия карда шудаанд, ки дар ниҳоят ба рушди васеъшавии иқтисодии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар автореферати мазкур унвонҷӯ аз тарафи худ таҳлили амиқи иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишвар, аз ҷумла иқтидори

сармоягузории НТҶ-ро таҳлил ва арзёбӣ намуда, тавсияҳои муфидро барои тақвияти иқтидори сармоягузорӣ пешниҳод намудааст.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати мазкур аз камбудӣ низ эмин нест, аз ҷумла:

1. Дар саҳифаи 12, расми 1 оид ба механизми алоқамандии байни унсурҳои таркибии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа оварда шудааст, вале муҳтавои ҳар як зерсохтори иборахои мазкур дар автореферат камтар шарҳ дода шудааст.

2. Дар саҳифаи 23, ҷадвали 9-и автореферат моделҳои ҳисобии регрессионии арзёбии МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд. Хуб мешуд агар муаллиф шарҳи иқтисодии онҳоро ба таври мушаххас меовард.

Эродҳои мазкур умуман таъсири манфии худро ба кории илмии унвонҷӯ расонида наметавонад, чун ки хусусиятҳои тавсиявӣ дорад.

Хулоса, чуноне аз автореферати диссертатсияи бармеояд Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботиҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С.

Имзои Султонов З.С. тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

**Суроға:**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанде, к. Мирзо Турсунзода 30.
Тел: +992 935202870
E-mail: sultan@mail.ru
Сомона: https://www.rtsu.tj/